*Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014*
*назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди*
*Тоҷикистон бо суроғаи ш Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Нуриблоева Мадинабону Мавлоновна дар мавзуи «Ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст.**

Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар шароити пасазбӯҳронӣ кишварҳое, ки иқтидори баланди саноатиро нигоҳ доштаанд, бештар босуръат рушд мекунанд, аз ин рӯ, дастгирии ташкилии корхонаҳо ва маҷмааҳои саноатӣ, ки ба баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо нигаронида шудааст, зарур аст. Яке аз шаклҳои самараноки чунин дастгирӣ, ки ба баланд бардоштани самаранокии рушди истеҳсолоти саноатӣ нигаронида шудааст, интегратсия ва ташаккули кластерҳои саноатӣ ҳамчун системаҳои мураккаби иқтисодӣ, аз ҷумла маҷмӯи ба ҳам алоқаманди субъектҳои хоҷагидорӣ – корхонаҳои саноатӣ, ки бо як давраи ягонаи истеҳсолӣ муттаҳид шудаанд, мебошад, инчунин ташкилотҳое, ки хидматрасонии ёрирасонро пешкаш мекунанд (бонкҳо, ташкилотҳои консалтингӣ ва маркетингӣ, муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ, ширкатҳо ва ғ.).

Омӯзиши вазъиятҳои ташкилию иқтисодӣ омилҳои муҳимеро, ки ба раванди табдилдиҳии иқтидори корхонаҳои саноатӣ дар доираи системаи кластерӣ таъсир мерасонанд, ошкор мекунад. Корхонаҳое, ки дар як системаи кластерӣ фаъолият мекунанд, стратегияи ба ҳам алоқаманди рушд доранд, ки на танҳо бо ҷанбаҳои иқтисодӣ, балки бо ҷанбаҳои ташкилӣ, ки корхонаҳо барои таасур намудан ба тағйироти муҳити беруна истифода мебаранд, муайян карда мешаванд. Механизмҳои мавҷудаи чунин муттаҳидшавӣ имкон намедиҳад, ки системаҳои чандир, устувор ва рақобатпазири иқтисодӣ, ки дар фазои бозор мавқеи мустаҳкам доранд, таъсис дода шаванд. Аз ин лиҳоз, таҳияи пешниҳодҳои илмӣ ва амалӣ оид ба ташаккул ва рушди субъектҳои ҳамгирой дар шакли кластерҳои саноатӣ муҳим аст.

Сарчашмаҳои адабии мавҷуда асосан ба баррасии масъалаҳои алоҳидаи кластерҳои ҳудудию саноатӣ бахшида шудаанд, ки дар истифода ва омӯзиши онҳо мушкилиҳои муайянеро ба вуҷуд меорад.

Дар айни замон бояд ба муаммои устувории вазъияти молиявии корхона, даромаднокии истеҳсолот, самаранокии истифодаи иқтидори тараққиёти субъекти хоҷагидорӣ, ки ба назар гирифтани таъсири хавфҳои молиявӣ имконнопазир аст, диққати махсус дода шавад.

Аз ин рӯ, масъалаҳои таҳияи усулҳои самараноки методологии омӯзиши кластерҳои ҳудудию саноатӣ аҳамияти махсус доранд. Ташаккул додани механизми самарабахши ба роҳ мондани кластерҳои

худудию саноатӣ дар сатҳи давлат ҳатмӣ мегардад, ки он ба маҷмӯи муносиби воситаҳои идоракунӣ ва нишондиҳандаҳои самаранокӣ асос ёфтааст, ки метавонанд дар бораи дараҷаи идоракунии кластерҳои худудию саноатӣ маълумоти объективӣ пешниҳод кунанд.

Дар баробари ин, таҳқиқоти дисертатсионӣ аз баъзе камбудиҳо холӣ нест, ки қимати онро паст намекунанд ва дар байни онҳо дохил мешаванд:

- автореферат намудҳои маҳсулот ва ҳаҷми он дар кластерҳои худудию саноатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои содирот пешбинӣ шудаанд, дар бар намегирад;

- автореферат дар бораи кадом механизмҳои муосири молиявӣ дар кластерҳои худудию саноатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ шуда ва коркард шуда истодаанд, дар бар намегирад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти кори диссертатсионии Нурублоева М.М. мувофиқ ва сари вақт аст, зеро ҳалли масъалаҳои дар он ба миён гузошташуда барои таъмини рақобатпазирии истеҳсолоти саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим диниста мешавад.

Диссертатсия дар сатҳи кофӣ баланди илмӣ ба роҳ монда шуда, ба талаботи рисолаи номзадӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва худудӣ ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он Нурублоева М.М. сазовори гирифтани унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ мебошад.

Муқарриз,
н.и.и., дотсенти кафедраи
иқтисодиёти корхонаҳо
ва соҳибкории ДДК ба номи А. Рӯдакӣ: Фатҳуллозода А.Ф.

Суроға: 735360, Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб,
куч. С.Сафаров 16, бинои 3.
Тел: (+992 98) 801-9666; E-mail: kholiq8989@mail.ru

Имзои « Фатҳуллозода А.Ф.»-ро тасдиқ мекунам
Сардои Раёсати кадрҳо ва КМ,
ДДК ба номи А. Рӯдакӣ: Амиров Ф.

«11» 11 2023